**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2025- 39 саҳ.).**

Раванди ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ ва тағйирёбии вазъи эпидемиологӣ боиси пайдоиши мушкилоти ҷиддӣ ва афзоиши ҳолатҳои сирояти вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) гардидааст, ки барои ҳаёт ва саломатии инсон, инчунин амнияти иҷтимоии ҷомеа хатар эҷод мекунад. Дар ин робита, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 125 ҷавобгарии ҷиноятиро барои сироят кардани дигарон бо ВНМО пешбинӣ намудааст. Ин меъёр муносибатҳои ҳуқуқиро дар самти пешгирии паҳншавии ВНМО танзим намуда, барои шахсоне, ки дидаву дониста дигаронро ба ин вирус сироят мекунанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар менамояд.

Масъалаҳои татбиқи самараноки меъёри мазкури Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасии паҳлуҳои назариявӣ ва амалии он, инчунин пешниҳодҳои илман асоснок оид ба такмили ин модда, муҳтавои асосии автореферати диссертатсионӣ оид ба мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани дигарон бо ВНМО-ро ташкил медиҳад. Автореферати мазкур дар шакли матн дар ҳаҷми 39 саҳифа таҳия гардида, масъалаҳоро ба таври ҳамаҷониба ва муфассал баррасӣ менамояд.

Қобили зикр аст, ки автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (ба таври мухтасар), хулоса ва тавсияҳо, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ҷамъбаст менамоянд, инчунин феҳристи корҳои нашршудаи муаллиф вобаста ба мавзӯи диссертатсия иборат мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) падидаи умумиҷаҳонӣ буда, ба ҳамаи кишварҳои дунё таъсири манфии худро мерасонад. Ин вирус ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти инсонӣ таъсири ҷиддӣ дошта, хатарнокии махсус дорад, зеро системаи муҳофизатии организми инсонро осеб мерасонад ва боиси пайдоиши бемории пайдошудаи норасоии масуният (БПНМ) мегардад. Дар натиҷа, қобилияти организми инсон барои муқовимат бо бемориҳо хеле суст шуда, шахс метавонад ба марг дучор гардад.

Паҳншавии ВНМО яке аз мушкилоти ҷиддӣ ва актуалии тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест. Бо дарназардошти сатҳи баланди латентии ин вирус, сирояти ВНМО ҳамчун ҷинояти хатарнок ва нисбатан паҳншуда ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, таҳқиқи масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии татбиқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба шахсоне, ки дидаву дониста дигаронро ба вируси мазкур сироят мекунанд, аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Аз соли 2007 инҷониб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд барномаҳои миллӣ оид ба мубориза бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи он (БПНМ) таҳия ва амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020, №50 «Барномаи миллӣ оид ба муқовимат бо эпидемияи ВНМО ва БПНМ барои солҳои 2021–2025» ва нақшаи амалисозии он тасдиқ шудааст. Мақсади асосии барномаи мазкур боздоштани суръати паҳншавии ВНМО дар кишвар ва кам кардани сатҳи фавт аз ин беморӣ мебошад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳолатҳое, ки шахс дидаву дониста дигаронро ба хатари сироятёбӣ ба ВНМО дучор месозад ё онҳоро сироят мекунад, ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намудааст (моддаи 125 КҶ ҶТ). Аммо, новобаста аз чунин ҷавобгарии пешбинишуда, ҳанӯз ҳам ҳолатҳое ҷой доранд, ки шахсон манфиатҳои шахсии худро аз саломатӣ ва

ҳаёти дигарон болотар мегузоранд. Чунин шахсон, бо мақсади қонеъ намудани хоҳишҳои шахсӣ ва огоҳ будан аз гирифтории худ ба ВНМО, дидаву дониста дигаронро сироят намуда, саломатии онҳоро таҳти хатар қарор медиҳанд.

Ҳамин тариқ, дар шароити кунунӣ, бо назардошти латентии баланди сирояти ВНМО, ин ҷиноят ҳамчун падидаи ҷиддӣ ва паҳншуда арзёбӣ мешавад. Аз ин рӯй, омӯзиши масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки барои ҷавобгарӣ кашидани шахсони сирояткунанда пешбинӣ шудаанд, аҳамияти хоса пайдо мекунад. Коркарди мавзуи мазкур дар муҳокимаҳои илмӣ-амалӣ, бахусус дар масъалаи зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар бораи мақсаднокии нигоҳ доштани қисми 1 моддаи 125 ё ҷорӣ намудани манъи сироят бо бемориҳои сироятии хавфнок дар шакли моддаи нав, аҳамияти бузург дорад. Аз ин рӯй, таҳқиқоти мазкур дар шароити имрӯза хеле муҳимм ва зарурӣ мебошад.

Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон хулоса намуд, ки таҳқиқоти анҷомёфта дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам саҳми назаррасе дорад. Муаллиф бо истифода аз адабиётҳои илмӣ ва маводҳои амалӣ таҳлили муфассал ва ҳамаҷониба масъалаҳои дар пеш гузоштаро баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои мушаххас ва асосноки илмӣ ноил гардидааст.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар автореферат бештар ба таҷрибаи кишварҳои пасошӯравӣ такя шудааст, вале таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи Аврупо ва ИМА, ки таҷрибаи бойтар доранд, ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст.

Новобаста аз эроди мазкур, бояд зикр намуд, ки муаллиф кори илмии мукаммал ва эҷодкоронаро анҷом додааст, ки он ба таври амиқ ва тахассусӣ

ба таҳқиқ ва ҳалли масъалаҳои муҳими замони муосир дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ нигаронида шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
сардори шуъбаи Хадамоти назорати давлатӣ
дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
дар шаҳри Душанбе Қодирзода Д.С.

«Имзои Қодирзода Д.С.-ро тасдиқ мекунам»
Мудири бахши кадрҳо ва корҳои махсуси
Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
дар шаҳри Душанбе Қутбиддинзода М.Қ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, 735035, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 71, Тел.: (+992 ) 231-47-71.

04. 11. 2025